# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзӯи «Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03- педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия)**

Истиқлолияти давлатӣ ва барқарор гардидани сулҳу озоиши дар кишвар ва ба даст омадани ваҳдати комили мардумони мамлакат шароите ба вуҷуд омад, ки соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ру ба рушду инкишоф намоянд. Дар ин даврони дурахшони кишвар пешрафту шукуфоии парваришу низоми низоми ҷумҳурӣ ва азнавсозии комили соҳаи маориф беш аз ҳамаи соҳаҳои дигар арзёбӣ мегардад. Ҷараёни бозсозӣ ва дигаргун сохтани маорифи кишвар дар зинаҳои низоми таълимӣ навгониҳои назаррас ва таъсири мусбат бар ҷои гузошт.

Пажуҳиши дисертатсионии Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзӯи «Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03- педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми педагогика ихтисос дода шудааст.

Дар ин замима муҳаққиқ баргузории мақсадноки дарси ғайрианъанавӣ барои бартараф ва ислоҳ намудани нуқсони нутқи хонандагони имконияташон маҳдуд ба монанди дизграфия, брадилалия, тахилалия, ринолалия, дислексия, дизартрия,

афония,бартаризм ва лакнатзабонӣ мувофиқи мақсад меҳисобад. Инчунин, дар ислоҳ намудани нутқ истифодаи бозиҳои логопедӣ ва нақши таълими забони модариро барои хонандагони имконияти маҳдуддошта муфид ва муассир арзёбӣ кардааст.

Баррасиҳо ва таҳқиқоти илмии Мирзоева Савригул Давлатқадамовна қобили хос буда, рисолаи ҷомеъ ва таҳқиқоти муфассал густурда ва дар айни замон мушаххасу пажуҳишӣ бо забони баёни шеваву фасеҳ аз арзиши баланд бархурдор ва аз маълумоти саршори муаллиф дар доираи ин мавзуъ мебошад.

Усулҳои ғайрианъанавӣ аз асоситарин усулест, ки дар раванди дарси забони модарӣ аз аҳаммияти хос бархурдор буда, шавқу рағбати хонадагони имконияташон маҳдуд ба донишандӯзӣ зиёд мегардад ва роҳандозии ин равиш дар ин кор ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Гузашта аз ин муаллиф баҳри ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқ ташкил намудани корҳои фардӣ, дунафарӣ ва гурӯҳи бо манфиат бардоштан аз технологияи ғайрианъанавии таълими забони модарӣ махсус қайд намуда , дар ин масир нақш ва ҷойгоҳи омӯзгори фанниро ниҳоят бузург медонад.

Дар натиҷаи гузаронидани озмоишҳои педагогӣ муайян карда шудааст,ки донишҷӯён, магистрон ва омӯзгорон бояд дар корҳои ислоҳи нуқсони нутқи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳо иштирок кунанд ва камбудиву комёбиҳои ин қабили хонандагонро ба мушоҳида мегиранд, бо доир намудани машқҳои гуногуни логопедӣ дар раванди дарси забони модарӣ хулоса ва натиҷаҳои судманд ҳосил менамоянд. Илова бар ин муҳаққиқ таъкид ба он намудааст, ки омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои логопедону нуқсоншиносон иштирокашон зарурӣ ва ҳатмист, то ки дар раванди ислоҳнамоии нуқсони нутқдошта ба комёбӣ даст ёбанд.

Бо назардошти унвонҷӯ фаъол намудани бозиҳои логопедӣ ва равишҳои гуногуни дарсҳои ғайрианъанавии забони модарӣ характери мушкилоти таълимӣ дошта,муносибати хосро бароиислоҳи нуқсони нутқ аз хонандагон талаб мекунад.

Муҳақиқ зимни таҳқиқотиаз таълифоти илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ огоҳона суд бардошта ,бо иқтибос овардани далелҳои судманд фикру мулоҳиза ва пешниҳодҳои қобили таваҷҷуҳро баён доштанд.

Муаллиф пажуҳиши худро дар муқаддима, се боб бо фаслҳои ҷудогона, хулосаву тавсияҳои мантиқӣ ва феҳристи адабиёт фароҳам овардааст, ки дар он муҳокима ва таҳлили илмӣ дарҷ гардидаанд. Бартарияти рисолаи мавриди назар боз дар он зоҳир мегардад,ки муаллиф бо мақсади гузаронидани озмоишҳои педагогӣ аз хонандагони имкониятащон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №11,54,72 шаҳри Душанбе таҳқиқот анҷом додааст,ки маҳсули он дар ҷадвалҳои алоҳида тариқи ташхис ва натиҷагирӣ баҳогузорӣ карда шудааст.

Дар фарҷоми кор хулоса ва пешниҳодҳои қабили мулоҳиза ва мантиқиро иброз доштааст,ки аз огоҳии комил доштани муҳаққиқ дар доираи ин мавзуъ дарак медиҳад.Тавсияҳои пажуҳишгар бунёди буда, зарурати дар амал татбиқ намудани он ба мутахассисон, омӯзгорон, нуқсоншиносон ва логопедон аз аҳаммияти хос бархурдор хоҳад буд.

Зикр бояд намуд,ки мундариҷаи асосии рисола дар ҳафт мақолаи илмие, ки дар феҳристи маҷаллаҳои номнависшудаи КАО –и Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст,ки ин таълифоти банашррасида мазмун ва муҳтавои фишурдаи рисоларо дар худ инъикос намуданд.

Дар матни фишурдаи рисола нуқсону камбудиҳои на он қадар ҷиддӣ дида мешавад,ки аз дидгоҳи мо иштибоҳҳои ҷойдошта зарур аст.

Бо итминон метавон афзуд,ки рисолаи Мирзоева Савригул Давлақадамовна дар мавзуи «Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) кори илмии ба анҷомрасида буда, ба талаботи КАО –и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯи ва соҳиби он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03- педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) сазовор аст.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи технологияи рақамӣ ва
амнияти киберии Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон С.С.Мавлоназаров

Имзои С.С.Мавлоназаров -ро
тасдиқ мекунам:

сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон А.Н. Насурдинзода

«28» 10 соли 2025